# Одамхӯр

(Новелла)

Тавре ба назар мерасид, ки Бунёду Беҳзод, бо вуҷуди он ки аз дигар падару модаранд, ба ҳам бародарони бамуросо. Лекин як сол аст гапи онҳо дар даҳони мардум: ҳавлиашон талош... Дурусттараш, Беҳзоду янгааш Марям (зани Бунёд) ҷонибдори он ки ягон гап нахезад—айб аст, вале Бунёду Соҳиба (ҳамсари Беҳзод) ба ҳам намесозанд.

Бунёд понздаҳ сол пеш аз ин аз маҳаллаи ҳамшафат ҷо гирифта, манзил сохта, бо оилаи худ кӯчида буд. Вале порсол, баъде, ки падар даргузашт (моиндар, ки модари Беҳзод аст, пештар даргузашта буд) боз ба ин ҳавлӣ, ки онро акнун додари ӯгай Беҳзод соҳибӣ мекард, пои худ мустаҳкам гузошт. Дар утоқҳои дами воридгоҳ, ки вазифаи меҳмонхонаро иҷро мекунад, ҷой гирифт. Саги худ Дингоро ҳам бо худ овард, вале зану бачаҳояш наомаданд— онҳо ба раъйи вай, ки Беҳзоду Соҳибаро бо ду кӯдакаш аз ин ҷо зуъман баровардан мехост, ризо набуданд. Лекин Бунёд, ки дар як кунҷи бозор, ки ҳавлии падар бо вай қариб ҳамшафат аст, ошхонаи хусусӣ кушода буд. Ният дошт, ки ин ҷоро худаш соҳибӣ кунад ва ба шаш сотих қитъае, ки аз маҳаллаи навбунёд гирифта буд, додарандарро бо оилааш кӯчонад.

Рӯзе гапи талоши ҳавлӣ сӯе монда, дар шаҳристон овозае паҳн гашт: Бунёдро саг газидааст, саги худаш Динго! Ҳама дар тааҷҷуб: чӣ, магар саг соҳиби худро мегазад? Ҳа, газид. Ва ончунон сахт газид, ки мегӯянд, ӯ дар ҳолати марг. Баъди чанде давутозҳои аҳли хонадон ва табобати духтурон барабас рафта, Бунёд дар шифохона вафот кард.

Дуюним-се моҳ аз ин ҳодисаи машъум гузашт ё не, хабари мудҳиши дигаре аҳли шаҳристонро як қад парронд:

Беҳзод зани худ Соҳибаро паррондааст!

Вақте тир ба китфи Соҳиба расид, духтарчааш Сония, ки гувоҳ буд, ба ин ҳодисаи ногуфту ногаҳон, ваҳшатзада фарёд зад:

—Вой, до-о-д, очема додом парронд!!!

Аз он ки дар ин ҳавлӣ осоиш нест, саг низ музтариб. Лақабаш Динго, вале ба он хоҷааш Бунёд номи дигар низ гузоштааст: Одамхӯр...

Тавба, чаро «Одамхӯр?» Бо назардошти ҳайбат, шуҷоат ва сиёсаташ, ки одами бегона ҳад надорад ба он ҳавлӣ наздик шавад? Наздик, ки шуд, гӯё...

—Ту «одамхӯр» не, Динго, хоҷаат номаъқул кардааст. Ту чун одам боақл...

Чунин мегуфт Соҳиба ва ҷонвар, гӯё ин суханон ба дилаш нишаста бошанд, миннатпазир ба вай менигарист ва дум меҷунбонд.

Динго ҳис мекард, ки миёни хӯҷаин ва Соҳиба меҳри пештара нест, онҳо ба ҳам қариб ногапанд. Гап зананд ҳам, бо нӯги забон, бо пичинг. Ва он суханони пичингомез, бегумон, ҳар дуро ба якдигар бегонатар, балки душмантар месохт.

Динго ёд дорад: Чанд сол пештар дар ҳавлии хӯҷаини калонӣ ҳодисаи фараҳбахш рӯй дод: Беҳзод — додари Бунёд хонадор шуд. Ва ҳафтае пас, арӯси ӯ, ҳамин Соҳибаи хушрӯву хушлибос, вақте ба ҳавлие, ки Бунёдино мезистанд, меҳмонӣ омад, хӯҷаин гуфт: Шинос шав келин ҳамин. Номаш Соҳиба, минбаъд соҳибаи ту ҳам».

Саг ва Соҳиба ба ҳам дӯст шуданд.

Лекин баъде, ки хӯҷаини калонӣ фавтид ва Бунёд Дингоро ҳамроҳ ба ин ҳавлӣ овард, саг ҳис кард, ки Соҳиба аз омадани вай хурсанд нест. Шавҳари ӯ Беҳзод низ. Миёни додарон, ки пештар меҳрубон ба якдигар буданд, акнун кадом як девор, ҳисси бегонагӣ. Баъзан дар байн гапу гузорҳои ногувор, ки боисашон Динго намефаҳмад.

Вақтҳои охир саломатии Беҳзод нохуб аст. Қадаммониаш суст— рангаш коҳида. Ин рӯзҳо тамоман наменамояд. Куҷо бошад?

Табъи Соҳиба низ гирифта, вай ҳар рӯз парешону пакар куҷое мешитобад...

***

Дарвоза кушода шуд ва Соҳиба ворид гашт. Вай танҳо не—қатияш як марди бегонаи сиёҳҷурда.

Мард, беҷуръат аз дарвоза даромада, Дингоро дидан замон ҷо ба ҷо шах, шуд. Соҳиба гуфт: натарсед, кордор намешавад.

Ҳарду ба канораи ҳавлӣ, ҷое, ки чанд тана зардолуи буридашударо болои ҳам чида монда буданд, қадам ниҳоданд. Мард, ки аз афт ҳезумхар аст, ба ғӯлачӯбҳо синчакорона нигарист; Миёни ҳарду гуфту гузор мешуд, ки дарвоза во гашт—хӯҷаин даромад. Динго пай бурд, ки вай андак... кайф дорад— ин аз тарзи нигоҳ ва қадаммониаш маълум.

Хӯҷаин аз дидани марди бегона шӯрид, бо қаҳр назди ӯ, ки нархи ҳезумро бо Соҳиба мепазонд, рафт ва дағалона ким-чиҳо гуфт. Мард ба ҳолати ногувор афтод, Соҳиба сару по гум кард.

Бунёд, вуҷудаш лабрези ғазаб, ба Динго, ки таҳи чашм ба онҳо менигарист, имо карда, ба ҳезумхар гуфт:

—Мебинӣ? Номам Одамхӯр. Ба ту ним дақиқа фурсат, зуд дафъ шав, вагарна ба вай ем мешавӣ!

Мард, рангаш парида, сонияе ба Соҳиба, ки дар ҳолати изтироб буд, нигарист ва зуд, худ ба даст гирифтаву дастафшонда, бесухан баромада рафт. Соҳиба аз паси вай як-ду қадам ниҳода музтариб чиҳое гуфт, бефоида. Пас қафо гашт ва ба Бунёд як чашм печонда, ғур-ғуркунон ба сӯи хона қадам ниҳод. Аз пасаш Бунёд. Дар даруни хона ба «тую ман» сар карданд.

Дили Динго, аз он ки соҳибонаш дар дарун ҷанҷол доштанд, боз ба танг омада, ҷои худ бетоқатӣ, беқарорӣ мекард. Норозиёна инҷирос менамуд, гӯё ба онҳо гуфтан мехост, ки «бас, одамҳо фаҳманд, чӣ мегӯянд?»

Вале дар дарун бас намекарданд.

***

—Чӣ мегӯӣ? А, чӣ гуфтӣ?

—Зарурат, ки афтод, мегӯям, ба фурӯхтани баъзе чизҳои ин хонадон ман ҳам ҳақдор.

—Худсарона-а? Ту шавҳар дорӣ, вай аз ин хабардор ё не?

—Не, вай бемор, дар реаниматсия. Дар вазъе нест, ки аз ин хусус ба вай маслиҳат кунам. Пул барои табобати вай лозим, ба фурӯхтани ҳезум маҷбур шудам.

—Пул? Чӣ қадар? О, то ин вақт пулро кӣ сарф мекард? Ман ё каси дигар? Марди бегонаро ба хона наоварда, як даҳон дар ин бора ба ман даҳон кушоӣ, аз тахт меафтидӣ?

—Ба шумо... Медонед, ака, то ин вақт ба шумо бовар доштам. Ҳарчанд хостед додари бемори худро бо оилааш зӯран аз ин даргоҳ ронда, ба ҳавлӣ соҳибӣ кунед, ба худ мегуфтам, ки талоши мерос дар бисёр оилаҳо ҳаст, ин як ҳолати табиӣ, бародарони аз як шикам баромада ҳам гоҳо бемуросо мешаванд, ҳол он ки шумо...

—Ҳа, моро падар дигар, модар дигар... Лекин ман ӯгаӣ накардам. Беҳзод дар се-чаҳорсолагӣ аз қафои модараш, ки ба падарам расид, ба ҳавлиамон омад. Аз ҳамон боз ӯ дар ҳимояи ман.

—Ба Шумо раҳмат. Аз худо гардад.

—Ба ту раҳмат, келин! Некии маро «қадр карда»— ин хел «эҳтиром» намуданат... ба ту қоил! Лекин як илтимос ба миёни ману Беҳзод вайронӣ наандоз.

—Чӣ, байнро ман вайрон мекунам?

—Дигар кӣ? Беҳзода аз роҳ намезадӣ, дар қитъае, ки дар Чордара гирифтаам, се,чаҳор хона сохта, мекӯчондаматон. Чордара бад аст? Оянда шаҳр мешавад.

**(Давом дорад).**

**М. ШОДИЕВ.**



# Бозигоҳҳои хору зор

*Дар ноҳияи Охунбобоев барои инкишофи варзиши бачаҳо як қадар корҳо ба амал баровварда шуд. Бозигоҳҳое, ки то ҳол беэътибор монда буданд аз нав ҷиҳозонида ба тартиб оварда шуданд. Маҳфилҳои нави варзиш ташкил ёфтааст. Аз рӯи гуфти мутахассисон то ҳол бо кӯмаки ҳомиён барои таъмири бозигоҳҳо беш аз 15 миллион сӯмина корҳои зарурӣ ба амал бароварда шуданд. Ба миқдори беш аз 400 ҳазор сӯмина ҳар хел ҷиҳози варзишӣ харид карда шуд, ки ин бешубҳа, ба таъриф меарзад.*

*Вале дар ноҳия дар ҳақиқат ҳам аҳвол ҳамин тавр аст? Бо ин савол мо ба ҷонишини ҳоким оиди масъалаҳои иҷтимоӣ Асадулло Яҳёев муроҷиат кардем. Ӯ моро ба деҳаи Солиҷоноб, ки нисбатан дуртар аст,бурд. Дар ин ҷо бозигоҳ 5 ҳазор ҷойи нишаст дошта гӯё ки аз таъмир бароварда шудаасст. Ин кор фақат бо рангу бордиҳии ҷойҳои нишаст амалӣ гаштаасту халос. Дар майдони футболбозӣ, майсаҳо гувоҳи ҳоланд, ки ягон мусобиқаи футболбозон гузаронда нашудааст. Онро хасу хор зер кардааст. Роҳравҳои барои гузарондани талошҳои варзишгарони сабук ҷудо кардашударо ҳар хел алафҳо зер кардаанд. Дар ин ҷо имконияти гузарондани ягон мусобиқа ё машқ вуҷуд надорад. Мутасаддиён таъкид карданд, ки дар ин ҷо майдонҳои ба дарозӣ ҷаҳидан низ мавҷуд аст. Вале афсӯс, ки мо дар рафти азназаргузаронӣ онро дарёфт карда натавонистем.*

*Инак, бозигоҳҳо ва роҳравҳоеро, ки хору хас зер кардааст, дида кас ҳайрон мемонад, ки бачаҳои варзишдӯст дар куҷо машқ гузаронанду байни худ мусобиқа кунанд.*

***Дар сурат:*** *бозигоҳи хасу хошок зеркардаи деҳаи Солиҷоноб ва бинои хароби мактаби рақами 34 акс ёфтааст.*

**Суратгир: Ш. ОЛИМОВ. (УзА).**

## Неъматҳои шифобахши табиат

# Каду

Ширкаду, самбӯсаҳои (пичакҳои) дегию танӯрӣ, манту, нони кадугин, кадушӯрбо, кадӯи дар об, буғ, кӯр (кӯри лахча), шӯрбо пухта шуда...ба аксарияти мардуми мо маълум. Ва, ин ҳама гувоҳи он аст, ки каду дар зиндагии мо чун хӯрокии муҳим мавқеъ дорад.

Дар табобати халқӣ-анъанавӣ каду ба сифати доруи бисёр дардҳои одамӣ маълум аст. Онро бештар ҳамчун дафъкунандаи сангрезаҳои дар роҳи пешоб, гурда ба амаломада истифода мебаранд. Тухми каду ҳамчун доруи зидди кирми меъда маълум ва машҳур аст. Мувофиқи хулосаҳои мутахассисон вай ҳамчун антигилментоз 25 фоиз фоидаовар будааст. Аммо, ҳамин миқдор, яъне 25% ҳам аз боиси тамоман безарар буданаш онро дар тибби амалӣ ниҳоят муҳим медонанд ва онро дар мавқеи аввал мегузоранд.

Таркиби каду (мағзаш) аз қанд (то 11 фоиз), витаминҳо, микроэлементҳои фоиданок (сафедаҳо то 15 фоиз, калий, магний, фосфор, оҳан, хлор...) хеле бой аст.

Дар тухми каду 50 фоиз равған, 35 фоиз витаминҳо, сафеда ҳаст.

Агарчанде, ки 92 фоизи каду аз об иборат аст, чун таоми парҳезӣ, шифобахшандаи бисёр дардҳо мебошад. Оби каду ба дарди рӯдаҳои борик, қабзият дору мешавад. Ба ин мақсад рӯзе 2-3 стакан хӯрдани оби каду тавсия мешавад. Вай барои ҷигар, талхадон ҳам фоида дорад. Аммо, барои одамоне, ки миҷозашон хунук—яъне аз гастрити гипоатсидӣ (аз паст будани туршии меъда) ранҷ мебаранд, тавсия намекунанд, ба онҳое, ки захми меъда ва рӯдаи 12 ангушта доранд, хӯрданаш бефоида.

Ҳар рӯз то 4-5 маротиба 120-150 граммӣ хӯрдани кадуи дар об пухтагӣ ба шахсони камхун (аз нарасидани оҳан), аз касалии сирояткунанда ва ҷарроҳӣ баромада ниҳоят фоида мерасонад. Ҳатто ба истеъмоли доруворӣ кимёвӣ зарурате намемонад. Инчунин каду ба сулфа, дарди қафаси сина, қабзият низ даво мешавад. Истеъмоли ҳамешагии каду ба нисбати дар таркибаш бисёр будани фтор, касалии кариеси дандонҳоро пешгирӣ менамояд. Маълум, ки эҳтиёҷи шабонарӯзии одам ба фтор як миллиграмм аст. Ин миқдор дар 500-600 гр каду мавҷуд аст.

Тавре зикр ёфт, тухми каду барои ихроҷи кирмҳои тасмашакл ва мудаввари меъда (аскарида) истифода мешавад. Усули тайёр кардани ин дору: 300-500 гр.тухми хушки кадуро гирифта дар гӯштқимакунак, ё ӯғурча (ҳован) майда карда ба он ду баробари ҳаҷмаш об мерезанд, сонӣ вайро дар оташи ниҳоят паст 2 соат нигоҳ медоранд, аммо намеҷӯшонанд, ба дараҷаи ҷӯшидан наздик бурдан даркор. Баъд, онро аз оташ гирифта хунук ва таҳшин менамоянд, аз рӯяш пардаи равғании ҳосилшударо дур мекунанд, аз ҳамин дору дар ҳар ним-як соат як қошуқӣ хӯрда, аз болои он намаки дарунрав (ё шири хом) мехӯранд. Аммо, рӯзи дору хӯрдан ҳаргиз хӯроки серравған набояд хӯрд.

Доза (миқдор) барои калонсолон —доруе, ки аз 500 гр. тухми каду ҳосил шудааст; барои то 10 солаҳо—аз 300гр; 5-7 солаҳо—аз 200 гр; барои то 5-солаҳо—аз 100-150 гр; 2-3-солаҳо—аз 20-50 гр.

Усули дигари тайёр кардани дору аз тухми каду: тухмҳои кадуро аз пӯст ҷудо карда, якҷо бо пардаи мағз дар ӯғурча кам-кам об андохта мекӯбанд (аммо, миқдори об ба 300 гр тухми каду аз 50 гр зиёд набояд бошад). Ба он як қошуқ асал, ё мураббо ҳамроҳ кардан ҳам мумкин. Ин доруро дар дили наҳор 1 қошуқ мехӯранд. Баъди се соат барои ихроҷи дарун ягон доруи дарунрав менӯшанд (ё шири хом). Миқдори умумии доруи мазкур, барои калонсолон—60-80 гр, хурдсолон—30-40 гр. Ин миқдорро дар давоми 15-20 дақиқа бояд хӯрд.

**Таҳияи М. РАҲГУЗАР.**

## Ганҷи ороста

«Қадами соҳибдавлате муҷиби фароғат аст».

«Пир медонистагиро парӣ намедонад».

«Он чи бо шир дарояд, бо ҷон бароyад».

**(Аз ҳикматҳои халк).**

«Сухане, ки аз дил бармеояд ва ба дил менишинад, монанди розест, ки дилеро ба диле ошно мекунад».

**Лутфалии Суратгар.**

«Қимати мард на аз симу зар аст,

Қимати мард ба қадри ҳунар аст».

**Абдураҳмони Ҷомӣ.**

«Дар ҷавонӣ тавба кардан нашъаи пайғамбарист».

«Рӯзғор забардасттарини омӯзгорон аст».

«Илм дар хурдӣ чун нақш дар санг аст».

«Қадри неъмат бошад аз баъди завол».

«Забон рӯҳу равони миллат аст».

«Аз нек шарофат, аз бад касофат».

«Ба як мард чиҳил ҳунар кам».

«Нони дастатро нахӯрӣ, дигарҳо мехӯранд».

**(Аз ҳикматҳои халк).**

**Гирдоваранда: Раҳмонбердӣ РАҲИМОВ, ноҳияи Ургут.**



*Дар маҳаллаи «Миришкор»-и ноҳияи Бектемир устохонаи дӯзандагӣ амал мекунад. Ин корхона дар ҳама чаҳор фасли сол серодам аст. Чунки дӯзандагони он ба аҳли маҳалла мувофиқи хоҳишу табъи дилашон хизмат мерасонанд. Барои бачагон низ сару либос медӯзанд.*

***Дар сурат:*** *яке аз дӯзандагони гулдаст* ***Фирӯза УМАРХОҶАЕВА****.*

**Суратгир: Р.АКБАРАЛИЕВ.**

## Олимони мо

# Ворисӣ муносиби Мотруд

Низомамак аз рӯи одат чашми рӯз накафида бо кори деҳқонӣ машғул мешуд. Ҷигаргӯшаҳояш ҳам аз дунболи ӯ ба саҳро баромада каланд мезаданд. Бонуи хона Кубаррохола хӯрок меоварду онҳо нонушта мекарданд. Боре ҳангоми чойнӯшӣ Неъматҷони панҷсола чашм ба Машриқ дӯхта, аз пайдоиши уфуқ дар ҳайрат афтода рӯ ба падар овард:

—Дада, нури офтоб аз куҷо пайдо мешавад?—пурсид ӯ.

Низомамак аз ин саволи ногаҳонӣ даступо гум кард. Рости гап, ӯ чӣ хел ҷавоб доданашро намедонист. Зеро ӯ аз қонунҳои физика тамоман бехабар буд ва яқин медонист, ки ҳамаи ин бо хоҳиши худост. Тамоми ҳаёт дар рӯи замин бо офтоб вобаста ва нури офтобро нури илоҳӣ медонист вай. Бинобар ин баъди каме таҳаммул ба фаҳмондан кӯшиш кард:

—Парвардигор ба мо рӯшноӣ медиҳад,—гуфт вай ва илова кард,—он неъмати худо аст ва зиндагии мо аз қувваи он мебошад.

—Агар мактабхон шавӣ,—ба сӯҳбат ҳамроҳ шуд амакаш,—муаллимаат сабабҳояшро боз пурратар гуфта медиҳад.

Дар ҳақиқат, амакаш гапи ростро гуфта буд. Неъматҷон на танҳо аз қиблагоҳаш, инчунин амакаш ҳам бисёр чизро пурсида бошад ҳам, ҷавоби қаноатбахш нагирифта буд. Аз ҳама мудҳишаш он буд, ки дере нагузашта падараш ба ҷанги зидди фашистон рафт.

Аммо фарзандон ба насиҳату талаби падари бузургвораш амал карда, пайваста мехонданд ва тадриҷан босавод мешуданд. Солҳои баъди ҷанг зиндагӣ хеле душвор буд. Ҳама дар фикри сер кардани шикаму ёфтани либоси гарм буданд. Дар чунин як шароити ногувор Неъматҷон таҳсил мегирифт. Вай аввал дар мактаби рақами 10-и шаҳр хонд. Шавқу завқаш ба фанҳои математика, физика, химия баланд буд...

Солҳои панҷоҳум дар назди Донишгоҳи давлатии шаҳри Самарқанд гурӯҳҳои махсус аз ҳисоби мактаббачагони боистеъдод ташкил карданд. Неъматҷон низ узви ҳамон гурӯҳ буд. Устодони донишгоҳ Ҳодӣ Абдуллоев, Абдурашид Юсуфов, Рашид Раҳмонов, Хайрулло Нарзуллоев ва дигарон ба ин гурӯҳ дарс медоданд. Неъматҷон дар бадали се сол аз онҳо хеле чизҳоро омӯхт.

Дониши кофӣ, ки дошт, соли 1959 аз имтиҳонҳои қабул бомуваффақият гузашта, лоиқи номи донишҷӯи шӯъбаи физикаи факултаи физика-математикаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд гардид. Бо ташаббуси ректори Донишгоҳи давлатии Маскав академик И.Г.-Петровский комиссияи махсус ба ҷумҳуриятҳои гуногун сафар карда, донишҷӯёни боистеъдодро интихоб мекард, то ки сафи донишҷӯёни гуногунмиллат дар як гурӯҳ хонда, муттафиқ шаванд, соҳиби касби хуб шаванд. Ӯро низ интихоб карданд. Вале вай аз бахши ҷорум рахти сафар баста, дар донишгоҳи ба номи Ломоносов таҳсилро давом дод. Дар ин ҷо барои ӯ бисёр дару дарвозаҳои илму маърифат кушода шуданд. Аз олимони машҳур сабақ мегирифт. Алалхусус, шогирди академики маъруф С.Вавилов, профессор Л.В.Левшис ба ҷавони самарқандӣ диққати махсус медод. Бо роҳбарии ӯ Неъматҷон Низомов корҳои илмӣ бурд, ки на танҳо дар собиқ Иттифоқи Шӯравӣ, инчунин хориҷа низ шӯҳрат ёфт. Дар Маскав аспирант шуд. Дар давоми ду сол рисолаи номзадиро ҳимоя кард. Аз ҳама муҳимаш, мақолаҳои илмии ӯ дар маҷаллаҳои бонуфузи чанд мамлакатҳои ҷаҳон рӯи чопро диданд.

Ӯ баъди ҳимояи рисолаи номзадӣ боз ба зодгоҳаш баргашта, дар Донишгоҳи давлатии шаҳри Самарқанд дар кафедраи оптика ба кор сар кард. Аввал ассистент, сипас дотсенти кафедра шуд. Бо ташаббуси ӯ кафедра тамоман тағйир ёфта бо асбобҳои замонавӣ пур гардид. Вай баробари кор фаъолияти илмии худро идома дод. Аз ҳамин сабаб соли 1985 рисолаи доктории дар шӯрои махсуси пӯшидаи Донишгоҳи давлатии Киев бомуваффақият ҳимоя кард. Олимони украинӣ низ ба кори илмии ӯ баҳои баланд доданд. Баъди як соли он ӯ ба тариқи конкурс мудири кафедраи физикаи умумӣ интихоб гардид. Вай ки шахси навовару ташаббускор аст, дар кафедра низ бисёр корҳои шоиста кард. Яке аз онҳо 38 кори нави таҳлилӣ аст, ки матни он ба забони ӯзбекӣ, тоҷикӣ ва русӣ навишта шуда аз он донишҷӯён ба забони модарии худ истифода мебаранд. Инчунин бо таклифи мудири нав корҳои таҳлили мустақилона гузаронда шуда, аз рӯи иҷрои он баҳо гузошта мешуд. Чунин иқдоми нек дар тамоми донишгоҳҳои олии ҷумҳурият паҳн гардид.

Соли 1987 бо қарори комиссияи махсуси улуми фанҳои собиқ Иттиҳоди шӯравӣ ба ӯ унвони профессор дода шуд, ин ифтихори на танҳо устод, инчунин шогирдони ӯст. Зеро вай ҷонсӯзу маслиҳатгари шогирдон аст. Дар зери роҳбарии ӯ беш аз даҳ нафар рисолаи номзадиро ҳимоя карданд. Ҳоло дар Самарқанди бостонӣ С.Остонов, Х.Чулибеков, У.Зоҳидов, Р.Эргашев ва дигарон барои ба охир расондани кори докторӣ ҷидду ҷаҳд менамоянд.

Хурсандиовар аст, ки кори илмии худро профессор Н.Низомов бо ҳамкории ҳамкасбони худ давом медиҳад. Барои шиносоӣ ба таҷрибаи ӯ аз шаҳрҳои Киев, Маскав, Санкт-Петербург, Минск, Душанбе ва ғайра олимон меомаданд.

Имрӯзҳо даҳҳо шогирдони ӯ дар бисёр мамлакатҳои ҷаҳон таҳсилашонро давом медиҳанд. Аъзои кафедра Азиз Қосимов ғолиби озмуни фонди «Камолот» гардид. Яке аз шогирдони ӯ Баҳрӣ Османов ҳоло дар магистратураи Донишгоҳи Колумбияи қитъаи Америка мехонад. Инчунин Ҷамшед Темиров низ дар штати Флорида таҷрибаомӯз аст.

Шахсан ман ҳам ба ӯ даъвои шогирдӣ дорам. Ҳоло дар шаҳраки академикҳои шаҳри Новосибирск бо кори илмӣ машғулам. Бояд гуфт, ки солҳои донишҷӯӣ меҳру муҳаббат ва завқу шавқам ба соҳаи оптика афзуд, ки дар он хизмати устоди гиромиам профессор Н.Низомов хеле калон мебошад. Ҳеҷ аз хотирам фаромӯш намешавад. Солҳои донишҷӯӣ мо низ ба ҳашари пахтачинӣ мебаромадем. Пеш аз ба кори умумихалқӣ баромадан устод ба мо таъин мекарданд, ки дафтару китоби худро низ ҳамроҳ гирем. Зеро рӯзҳои бекорӣ (агар борон борад) ва шабҳо имконияти дарс тайёр кардан мешавад, ки он ба имтиҳонҳо тайёрӣ дидан ва аз худ кардани физика имконият медиҳад.

Боз як хизмати шоистаи ӯ аз он иборат аст, ки дар назди донишгоҳ шӯъбаи тоҷикии бахши физика ташкил карда шуд. Акнун даҳҳо хатмкунандагони мактаби тоҷикӣ дар шӯъбаи дӯстдоштаи худ ба забони модарӣ имтиҳон месупоранд.

Хурсандиовар аст, ки профессор Н.Низомов ихтирокори номӣ ҳам мебошад. Вай қариб 200 кори илмӣ навиштааст. 8-то тадқиқотҳои илмии ӯ дар ҳаёт тадбиқ гардид.

Инчунин ӯ падари меҳрубону ғамхор мебошад. Ӯ бо ҳамсараш, омӯзгори мактаби миёнаи рақами 27 Моҳира Асадова фарзандони худро шахсони муносиби замони мо тарбия намуд. Писари калонии оила Акобир соҳиби маълумоти олӣ, лейтенанти калони шӯъбаи корҳои дохилии шаҳри Самарқанд буда, яке аз беҳтарин эксперт-криминалистҳо ба ҳисоб меравад. Нигора ҳам мактабро бо «медали тилло» хатм карда, аз пайи падар рафт. Ҳоло ӯ аспирант аст. Шавкатҷон низ физик буда, дар соҳаи электроника корҳои илмӣ мебарад. Анварҷон бошад факултаи муносибати иқтисодӣ-байналхалқии Донишгоҳи иқтисоди ҷаҳонӣ ва дипломатияи Тошкандро бомуваффақият хатм намуда, магистратураро дар Англия ба итмом расонд.

Имрӯз устоди ман бобои чор нафар набера низ мебошад. Дар воқеъ, деҳаи Мотруд бо алломаҳои бузурги худ маълуму машҳур аст. Ворисони муносиби Абӯмансури Мотрудӣ академик Баҳоваддинов, физикҳо Файзулло Ғаниев, Шукур Шарифов, Шароф Файзуллоев ва устоди мӯҳтарами ман Неъматҷон Низомов фахру ифтихори мардуми Самарқанд мебошанд.

Чанде пеш ба ман аз Самарқанди бостонӣ рисолаи устод ба муносибати 60-солагиашон дастрас гардид. Ман аз имконияти муносиб истифода бурда ба устодам умри саъдиёна таманно дорам.

**Тоҳир ҲАСАНОВ, номзади фанҳои физика, корманди илмии Донишгоҳи нимноқилҳои Россия.**

## Асрори садаи гузашта

# Марги фоҷиавии ситораи кино



Марги фоҷиавии ситораи кино Мэрилин Монро солҳост, ки сабаби ҳар гуна бофтаву афсонаҳо мебошад. Ва ҳамаи ин тахмину фаразҳо оқибат ба сари худкушии Мэрилин мебаранд.

Дар хусуси ин фавти фоҷиавӣ бисёр навиштаанд. Вале моҳи октябри соли 1998 дар ИМА китобе таҳти унвони «Тадқиқи як қотилӣ» рӯи чопро дид, ки дар ин бобат нирӯи аз таркиши бомба ҳам пурзӯре дошт. Муаллифи он Дон Волф маълумотҳои дар давоми ҳафт сол ҷамъовардаашро пешкаш мекунад. Ба фикри вай, далелҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки Мэрилин Монро қасдан кушта шудааст ва ташкилотчиву иҷорагари ин ҷиноят Роберт Кеннедӣ мебошад.

Ғояи иншои китоб ба муаллиф баъди ошноӣ бо Нормон Ҷефриз ба миён омад, ки рӯзи вафоти Мэрилин ҳамроҳи вай буд. Вай дергоҳ ҷуръат накард, ки ба ин мавзӯъ дахл намояд. Волф баъди Норманро дар бистари марг диданаш аҳд кард, ки ба ин кор шурӯъ намояд. Суханони охирини вай дар ин бобат, «мураббӣ, духтури рӯҳшиноси шахсии Мэрилин оид ба ташкили саҳнаи шармандаовари худкушии ситораи кино бевосита иштирок намудаанд» боис шуданд, ки Волф ба тафтиши инфиродӣ шурӯъ намояд. Дар айни замон ба дасти Волф тасодуфан ҳисоботи токсикологӣ афтода монд. Дар он навишта шуда буд, ки аз хуни Мэрилин 4,5 миллиграмм тиопентал ва 8 миллиграмм хроралгидрат пайдо шудааст. Ин миқдор дору метавонад якбора боиси фавти 26 нафар гардад. Ин чиз ӯро водор сохт, ки аз паи кушоиши асрори фавти ситораи кино бошад. Зеро якбора ин миқдор дору истеъмол кардани одам мумкин нест. Инро духтурону мутахассисон ҳам тасдиқ намудаанд. Шубҳаи Волф боз ҳам бештар шуд. Чунки ин миқдор доруро Мэрилин ба организми худ гузаронада наметавонист. Ин корро танҳо бо кӯмаки шахси дигар ба ҷо овардан мумкин буд. Боз як далел, яъне дар меъда набудани барбитал, вале дар таркиби хуни ӯ ба миқдори зиёд мавҷуд будани он тафтишгарро водор сохт, ки ба кор ҷиддан часпад.

Баъдтар Волф бо корманди полис Чек Клемменс дӯстӣ пайдо кард, ки ба маҳали фоҷиа аввалин шуда расида омада, стаканеро ҷустуҷӯ карда буд, ки Монро гӯё тавассути он дору истеъмол намудааст. Вале онро пайдо карда натавонист. Дертар бошад, дар матбуот сурати истакон эълон гардид. Дар айни замон ғоиб шудани дафтари хотироти шахсии Мэрилин ҳам аз дар зери ин фоҷиа ниҳон будани асроре гувоҳӣ медод.

Боз он чиз тааҷҷубовар буд, ки шахсони ба ситораи кино хеле наздик муддати дароз хомӯш буданд. Онҳо барои манфиати шахсӣ лому мим намегуфтанд. Масалан, актёр Питер Мусфорд, зархарид Милтон ва атташеи матбуот Пэт Кюкомб ошкоро Кеннедиро ҳимоя намуданд. Доктор Гринсон ва мураббия Мюрей хонум аз ошкор кардани хоиниашон нисбати Мэрилин манифатдор набуданд. Маълум мешавад, ки онҳо тавассути ситораи кино ҷосусони хуфияи коммунистон будаанд, ки рафтори Ҷон ва Роберт Кеннедиҳоро назорат кардаанд. Намояндагони Бюрои федералии ҷустуҷӯ (ФБР) аз хусуси алоқаи Мэрилин бо коммунистон шояд президентро огоҳ карда бошанд. Ҳамчунин онҳо шояд барои филфавр ҳаллу фасл кардани маъсалаи Мэрилин ба бародарон Кеннедиҳо маслиҳат ҳам дода бошанд.

Мэрилин Монро ва Ҷон Кеннедӣ соли 1946 дар яке аз базмҳои шомгоҳи Голливуд шинос шуда буданд. Ҷон дар бобати иштирок ба ин қабил базмҳо устухон надошт. Аз рӯи миш-мишҳо онҳо соли 1947 фарзанд дидаанд. Ва ба он шахсоне кафолат медиҳанд, ки Мэрилинро хуб медонистанд. Соли 1980 бонуе, ки худро бо номи Нэнси Брин муаррифӣ карда буд, духтари Мэрилин ва Кеннедӣ буданашро тасдиқ намудааст.

Вохӯрии охирини Мэрилин бо Ҷон Кеннедӣ дар базме ба амал омад, ки актриса сурудеро таҳти унвони «Рӯзи мавлудат муборак, президент!» иҷро намуд. Ҳамон вақт бародарон Кеннедиҳо аз он ба ташвишу изтироб афтода буданд, ки Мэрилин аз бисёр сирру асрорашон бохабар мебошад.

Ишқварзии Мэрилин бо бародари Ҷон ва Роберт Кеннедӣ соли 1961 оғоз ёфтааст. Аз рӯи суханони мураббияи актриса маълум мегардад, ки рӯзи фавти Мэрилин Роберт Кеннедӣ дар Лос-Анҷелес (ҳарчанд ӯ мудом инро инкор карда омадааст) буд ва онҳо баҳсу талош кардаанд. Овози баланду марғуладори Кеннедиро ӯ шунидааст, ки «Канӣ он. Ба куҷо руст кардӣ?»-гуфта мепурсид. Шояд вай аз Мэрилин дафтари хотироташро талаб мекард.

— Гувоҳони боварибахш ҳанӯз дар қайди ҳаётанд, — менависад муаллиф дар хулосаи китобаш оид ба марги Мэрилин. Онҳо аз чизе метарсанд ва ё китоби хотироти худро умуман варақгардон кардани нестанд.Бовар дорам, ки онҳо оқибат ҳақиқатро дар хусуси марги ситораи кино ошкор мекунанд. Охир, ба он дунё ба виҷдони пок рафтан лозим. Охири соли равон ҳакам Гринсон ҳуҷҷаҳоро аз хусуси марги фоҷиавии Мэрилин ошкор мекунад. Шояд, ин далелҳои ашёвӣ ба бисёр ҷиҳатҳои торики ин муаммо равшанӣ бахшад.

**Таҳияи Э. ТУРДИКУЛОВ.**

